Тавзеҳнома
ба лоиҳаи "Талабот ба мазмуни шартнома ва
санади қабулу интиқоли портфели суғуртавӣ"

Лоиҳаи "Талабот ба мазмуни шартнома ва санади қабулу интиқоли портфели суғуртавӣ" (минбаъд – Талабот) дар асоси қисми 5 моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон инчунин, нигоҳ доштани низоми устувори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Тибқи талаботи қисми 4 моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) уҳдадоранд дар ҳолатҳои зерин портфели суғуртавии худро ба як ё якчанд ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) интиқол диҳанд:

- бозхонди иҷозатномаи ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) барои амалӣ намудани фаъолияти суғуртавӣ бо ташаббуси мақоми назорати суғуртавӣ;

- риоя нашудани талаботи муқарраргардидаи устувории молиявӣ ва пардохтпазирӣ аз ҷониби ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), ки ба бадшавии вазъи молиявии он оварда мерасонад, агар интиқоли портфели суғуртавӣ бо нақшаи барқарорсозии пардохтпазирии ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) пешбинӣ шуда бошад;

- қабули қарор аз тарафи ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба азнавташкилкунӣ ё барҳамдиҳӣ;

- қабули қарор аз тарафи ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба ихтиёран рад кардани амалисозии фаъолияти суғуртавӣ ё намудҳои алоҳидаи суғуртакунӣ;

- асосҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

Аммо, бинобар сабаби мавҷуд набудани санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор, ки раванди қабулу интиқоли портфели суғуртавиро пурра ба танзим дарорад, ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ),

ки иҷозатномаашон бозхонд карда мешаванд, портфели суғуртавиро бо тартиби муайян ва саривақт интиқол намедиҳанд.

Вобаста ба ин, ҷиҳати саривақт ва дуруст ба роҳ мондани масъалаи қабулу интиқоли портфели суғуртавӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми назорати суғуртавӣ лоиҳаи Талаботи мазкурро бо мақсадҳои зерин таҳия намудааст:

- ба танзим даровардани раванди қабулу интиқоли портфели суғуртавӣ;
- ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон;
- нигоҳ доштани низоми устувори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- самаранок ба роҳ мондани масъалаҳои танзиму назорат аз рӯйи фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);
- иҷрои талаботи қисми 5 моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ”.

Тибқи “Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 июни соли 2014, №355 тасдиқ шудааст, нисбати лоиҳаи мазкур арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсонӣ гузаронида шуда, дар он омилҳои бавуҷудоварандаи хусусияти коррупсионидошта мушоҳида нагардидааст.

Қабули лоиҳаи Талаботи мазкур маблағгузории иловагиро аз буҷети давлатӣ талаб намекунад ва қабули он дар давраи амалисозии ислоҳот дар низоми суғуртаи кишвар ба мақсад мувофиқ мебошад.

Раис Холиқзода Ҳ. Ҳ.